193809

# БЕДОНА ВА РЎБОХ



# «БЕДОНА ВА РЎБОҲ»

*(Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик»)*

*Хуҷанд-2002*

…уб. библ. Тад. ССР
…доиси
…809
Тоҷикӣ

Бачагони азиз!

Нашриёти ба номи Раҳим Ҷалил, шӯъбаи бачагонаи он ният дорад, дар соли 2002-юм як силсила афсонаҳоро барои шумо, хонандагони меҳрубон, пешкаш намояд.

Мо ҳамеша бо шумо. Шумо ҳам доимо бо мо бошед!

Як рӯз Рӯбоҳ Бедонаеро дошта хӯрданӣ шуд.

–Ман ҳозир хело лоғарам, маро хӯрда баҳра намебарӣ,– гуфт Бедона ба Рӯбоҳ.

–Не, мехӯрам!– гӯён Рӯбоҳ дӯғ зад.

–Маро нахӯр, аздусар аз гӯшти ман сер намешавӣ, аммо ман коре мекунам, ки шикамат сер шавад,– гуфт Бедона.

–Чӣ кор мекунӣ?– пурсид Рӯбоҳ.

–Мебинӣ, ҳу ана як зан рафта истодааст, вай ба саҳро ба шавҳараш таом бурда истодааст, маро сар деҳу мунтазир шуда ист.

Дарвоқеъ, аз роҳи борике як зан табақеро ба сараш гузошта мерафт.

Бедона давида рафта, дар пеши роҳи зан нишасту йӯрға зада рафтан гирифт.

«Ана ҳамин бедонаро дошта гирам-чӣ»,- гуфта зан табақашро ба замин монда, бедонаро доштанӣ шуд.

Занак аз паи бедона давида рафт. Дар ин фурсат Рӯбоҳ таоми дар табақ будаdo пок-покиза хӯрда, боз рӯи онро пӯшиду гурехта рафт. Бедона ҳам занро монда аз паси Рӯбоҳ парида рафт. Ҳарду бо ҳамдигар вохӯрданд:

–Хӯш, хӯрда сер шудӣ?– пурсид Бедона.

–Сер шудам,– ҷавоб дод Рӯбоҳ.



Зан аз доштани Бедона умедашро канда, ба назди табақ гашта омад ва онро бардошта, ба болои сараш монду ба саҳро, ба пеши шавҳараш рафт.

Шавҳараш аз сари ӯ табақро гирифта кушода дид, ки дар вай чизе нест.

–Ин чӣ гап?– пурсид ӯ ҳайрон шуда.

Зан чӣ гуфтанашро намедонист.

Мард занашро сарзаниш кард. Зан бо чашмони гирён ба хонааш рафт. Шавҳараш ҳам аз пушти занаш омадан гирифт.

Рӯбоҳ зану шавҳарро дида, ба Бедона гуфт:

–Биё, мо ҳам аз паси онҳо меравем.

Рӯбоҳу Бедона ба қишлоқ расида, ба боми хонаи онҳо баромаданду аз мӯрӣ ба дарун нигоҳ карданд. Марду зан дар пеши оташдон нишаста, ҷанҷол мекарданд.

–Ин ҷо мунтазир бош! – гуфт Бедона ба Рӯбоҳ ва ба дарун парида даромад.

–Мана, ин Бедона маро фиреб кард. Дарро пӯшед, онро дошта гирем!

Мард дарро пӯшид. Бедона ба кунҷи хона парида рафта, дар рӯи кӯрпача нишаст.

–Исто!– гуфт мард.– Ман онро мезанам.

–Не, ман онро мезанам!– гуфт зан.

Мард кафшашро гирифта, ба болои Бедона ҳавола кард, аммо кафш ба Бедона нарасид.

Бедона парида омада, ба лаби дег нишаст, дег пур аз хўрок буд.

Зан чумча, мард бошад як чўбро гирифта, ҳар ду аз паси Бедона давиданд. Бедона якбора аз мўрӣ баромада парида рафт.



Зану шўй ба ҳавлӣ давида баромаданд, дар ҳамин вақт Рўбоҳ ба хона зада даромаду чизе ки дар дег буд, хўрда тамом кард. Баъд вай ба кўча баромада, ба Бедона гуфт:

–Ана, акнун ман сер шудам.

Бедона бошад фикр мекард, ки чӣ хел аз Рўбоҳ халос шавад. Баногоҳ вай ду саги хобидаро дида, пеши онҳо рафт.

Рўбоҳ аз пушти Бедона давида, сагҳоро дида монду тарсида ба як тараф гурехта рафт.

Сагҳо хеста Бедонаро доштанӣ шуданд, аммо Бедона ба тарафи Рўбоҳ парида рафт. Он вақт сагон Рўбоҳро дида, аз ақибаш давиданд. Рўбоҳ аз сагҳо тарсида, ба як ғор даромада, руст шуд. Сагҳо ўро гум карда, аз роҳашон бозгаштанд.

Бедона ба лаби ғор як кадуи хушкро ғелонда овард.

Кадуи хушку холӣ тақар-туқур карда баланд садо медод. Рўбоҳ тарсида роҳи гурезро мекофт. Аз тарсу ваҳм пойҳояш суст шуданд, мадораш хушк шуд. Як вақте

тарсону ларзон аз ғор берун баромада, кадуро диду сахт ранҷида гуфт:

-Исто, ки ту ноинсоф маро тарсондӣ, ман туро ба об ғарқ мекунам.

Рӯбоҳ сарашро ба каду даровварда, ба пеши дарё рафта, кадуро ба об андохт. Каду аз об пур шуда, ба қаъри дарё фурӯ рафт. Рӯбоҳ ҳам сарашро аз кадуи пуропур баровварда натавониста, ғарқу нобуд гардид.

## «БЕДОНА ВА РӮБОҲ»

*(Аз китоби «Афсонаҳои халқи тоҷик)*

Муҳаррир: М. Хоҷаев
Мусаҳҳеҳон: К. Зикруллоева ва У. Тӯрақулова
Муҳаррири техникӣ: Т. Фозилов
Рассом: З. Ҷалилов

Ба матбаа 4.12.2001 супорида шуд. Ба чопаш 11.01.2002 имзо шуд. Андозааш 60х84/16. Ҷ.ш.ч. 0,4. Супориши №3444. Теъдод 500. Нархаш озод.

ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Идораи корхонаҳои полиграфии вилояти Суғд

Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил.

735700, ш. Хуҷанд, кӯчаи Мақсудҷони Танбӯрӣ, 3
735700, Матбааи аввалини ш. Хуҷанд, кӯчаи Мақсудҷони Танбӯрӣ, 3.

193809
Китобхонаи миллии Точикистон

